**ФАРМОИШИ**
**ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз « 19 » июли соли 2021 №1026 ш. Душанбе

Оид ба татбиқи Барномаи давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ барои соли таҳсили 2021-2022

Бо мақсади ташкил ва баргузор намудани давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ барои соли таҳсили 2021-2022 дар асоси «Барномаи давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ» (қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.07.2020, № 11/18) ва банди 11-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.03.2014, № 145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ дар муассисҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2021-2022 ба муҳлати 10 рӯзи таълимӣ – аз 09.08.2021 то 20.08.2021 муқаррар карда шавад.

2. Ба сардорони Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон ва сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ супорида шавад, ки барои амалӣ намудани Барномаи давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

3. Ба директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Ёрмуҳаммадзода супорида шавад:

3.1. Журнали бақайдгирии давомот ва Барномаи давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ, дастурҳои методию маводи ёрирасонро дар ин самт таҳия ва чоп намуда, дастраси раёсат, шуъбаҳои маориф ва муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ гардонад;

3.2. Дар ҳамкорӣ бо кабинетҳои методии раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба амалӣ намудани Барномаи

давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимӣ семинарҳои омӯзишӣ доир намояд.

4. Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ (Қ. Муҳиддинзода) вазифадор карда шавад:

4.1. Фармоиши мазкурро дастраси Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, раёсатҳои маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ гардонад;

4.2. Дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти гузаронидани машғулиятҳои давраи мутобиқшавии хонандагони синфи якум ба муҳити муассисаи таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ санҷида, маълумотномаи таҳлилӣ пешниҳод намояд.

5. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Г. Ғанизода гузошта шавад.

Вазир М. Имомзода

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти миёнаи умумӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ